**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати Носирова Машҳура Негматовна дар мавзӯи «Ташаккули салоҳиятнокии омӯзгорони оянда ба ташкили корҳои касбинтихобкунӣ дар макотиби олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ)**

Мавзӯи таҳқиқотӣ актуалӣ ва муҳим ҳисобида мешавад, зеро сифатҳои шахсият дар таркиби қобилиятҳо бояд барои имконияти ягон фаъолияти мушаххас, ки дар натиҷаи он хислатҳои муайяни шахсият инкишоф меёбад, ҳузур дошта бошанд. Дар навбати худ хислатҳои мазкур бо сифатҳои мавҷудаи шахсият синтез шуда, ба сохтори қобилиятҳои шахсият дар ин фаъолият ворид мегарданд. Ҳуқуқи якҷоя бо волидайн интихоб кардани касб, намуди меҳнатӣ тибқи қобилият, маълумот ва бо назардошти талаботи хоҷагии халқ ба кадрҳои баландихтисос дар шароити ошкор сохтани хусусиятҳои шахсият, кори тарбиявӣ бо хонандагон ва падару модарони онҳо, ҳамчунин ҳалли якҷояи бисёр масъалаҳои дигар, ки дар раванди корҳои касбинтихобкунӣ ба миён меоянд, амалӣ мегарданд. Ҳалли ин вазифа, танҳо дар сурати таъмин кардани сатҳи баланди маълумоти умумӣ ва политехникии ҷавонон, дар онҳо тарбия намудани омодагии психологӣ ба меҳнат кардан имконпазир мебошад, қайд мекунад муаллиф.

Корҳои касбинтихобкунӣ бояд ба он нигаронида шуда бошад, ки инкишофи майлу рағбатҳои мазкур ба хилофи эҳтиёҷоти хоҷагии халқ набошад. Бо суханони дигар, кори касбинтихобкунӣ сохторан бояд вазъи иқтисодии мамлакатро инъикос кунад. Дар баробари ин кор бояд тарбияи инқтисодӣ низ амалӣ гардад. Ҳангоми иҷрои амалҳои меҳнатӣ ва идоракунии равандҳои технологии истеҳсолоти муосир мактабиён ташкили самарабахши меҳнат, харҷи сарфакоронаи сарватҳои моддӣ, истифодаи самарабахши вақти корро ёд мегиранд, маънои ҳақиқии чунин категорияҳои иқтисодӣ, аз қабили ҳосилнокии меҳнат, арзиши аслии маҳсулотро азхуд мекунанд, бо шаклҳои пардохти музди меҳнат шинос мешаванд. Ҳамаи ин ба интихоби бошууронаи касб мусоидат мекунад.

Чӣ хеле, ки Носирова Машҳура Негматовна дар автореферати худ баён менамояд, дониши омӯзгори оянда дар ягонагӣ ва ҳамкории низоми дониш ва шавқу рағбат, эътикоду қобилият, меъёрҳои инфиродии рафтор ва методҳои асосии фаъолияти касбинтихобкунӣ, ҳамчунин низоми ҳиссиёти касбӣ ташаккул меёбад.

Гуфтан ҷоиз аст, ки дар бобҳои якуму дувум масоили ташаккули салоҳиятҳои касбинтихобкунии омӯзгорони оянда дар мактабҳои олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидааст.

Амсилаи ташаккули салоҳиятнокии касбинтихобкунии омӯзгорони оянда коркард ва озмуда шуд, ки ба дидгоҳҳои шахсиятӣ-фаъолиятӣ, салоҳиятнокӣ асос ёфта, баланд бардоштани сатҳи самаранокии омодагии омӯзгорони оянда ба фаъолияти касбинтихобкунӣ имкон медиҳад.

Боис ба қайд аст, ки дар автореферати диссертатсияи Носирова Машҳура Негматовна мафҳуми салоҳиятнокии корҳои касбинтихобкунии омӯзгорони оянда тавзеҳ дода, ба сифати қисми таркибии салоҳиятнокии касбӣ баррасӣ мегардад ва ташкилаи системавии шахсиятӣ-касбӣ буда, ташаккули мавқеи фаъолонаи хонандагонро дар худмуайянкунии касбӣ таъмин намуда, аз ҷузъҳои зерин иборат аст: ангезишӣ (мотиватсионӣ), когнитивӣ, амалиётӣ-фаъолиятӣ, эмотсионалӣ-иродавӣ, баҳодиҳанда инъикос ёфтаанд. Таҳқиқоти гузаронидаи диссертант вақту маҳорати зиёдро талаб кардааст, умедворам, ки дар ҳалли якчанд муамоҳои мубрам оид ба корҳои касбинтихобкунӣ саҳми босазои хешро хоҳад гузошт.

Рисолаи Носирова Машҳура Негматовна таҳқиқоти ба анҷомрасонида ба ҳисоб рафта, ҷавобгӯ ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 - Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.04 - Назария ва методикаи фанҳои гуманитарӣ) арзанда ҳисобида мешавад.

Номзади илмҳои педагогӣ,
дотсенти кафедраи забонҳои
тоҷикии ва русӣ МДТ ДИС
ДДТТдар шаҳри Хуҷанд

Манонова Раъно
Абдураҳмоновна